# НИЗОМНОМАИ

# ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН

**ЯНВАР – 2025**

**Вилнюс - Литва**

**Мундариҷа**

Аҳдофи ҲНИТ ---------------------------------------------------------------

Аъзо (Салоҳиятҳо  ва вазифаҳо)---------------------------------------------

Сохтори ҲНИТ ---------------------------------------------------------------

Раёсати Олӣ -------------------------------------------------------------------

Раиси ҲНИТ --------------------------------------------------------------------

Муовинҳои раис -------------------------------------------------------------

Комиссияи тафтишотӣ -----------------------------------------------------

Шӯрои иҷроия ---------------------------------------------------------------

Маркази таҳқиқотӣ --------------------------------------------------------

**ҲИЗБИ НАҲЗАТИ ИСЛОМИИ ТОҶИКИСТОН**

Низомнома санади ҳуқуқии дохилии ҲНИТ буда, салоҳиятҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзо, масъулин ва ниҳодҳои ҳизбро танзим мекунад. Низомномаи мазкур дар даврони ҳиҷрат ба ҷои Оинномаи ҳизб амал намуда, бекор кардан ё тағйирот дар он аз тарафи Раёсати Олии ҳизб сурат мегирад.

**1. Аҳдофи асосии ҲНИТ дар даврони ҳиҷрат**

1.1 Бозгашти сарбаландона ба Ватан

1. 2 Мубориза бо тамоми василаҳои машруъ барои сукути ҳокимияти диктотурии як хонавода ва расидан ба як ҷомеъаи озод, пешрафта, қонунмеҳвар ва демократӣ

1.3 Озодии ҳама зиндониёни сиёсӣ ва афроди ба ноҳақ зиндонӣ шуда

**2. Ҳуқуқ ва ухдадориҳои аъзои ҲНИТ**

2. 1 Узви ҲНИТ дорои ҳуқуқ ва салоҳиятҳои зерин мебошад:

- Озодона узви ҳизб шавад ва аз узвияти ҳизб даст кашад;

- Дар интихоби мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб иштирок намояд ва ба мақомоти роҳбарикунандаи ҳизб интихоб шавад;

- дар чорабиниҳо ва нишастҳои марбутаи ҳизб иштирок намояд;

- фикру андешаҳои худро оиди низомнома, барнома ва фаъолияти ҳизб, инчунин фаъолияти масъулини ҳизб, қарорҳо ва тасмимҳои ниҳодҳои ҳизб тибқи тартиби қабулшуда дар ҷаласаҳои ҳизбӣ пешниҳод кунад, қарорҳои қабулшуда ва фаъолиятҳои ҳама масъулин ва ниҳодҳои ҳизбро дар дохили ҳизб мавриди баҳс қарор диҳад ва интиқод кунад.

- санади лозимиро аз мақомоти ҳизбӣ дарёфт намояд;

2.2. Узви ҲНИТ вазифадор аст:

- талаботи низомнома ва барномаи ҲНИТ-ро риоят намояд;

- арзишҳои исломӣ ва миллиро риоя ва эҳтиром намояд;

- ба эътиқодот, муқаддасот ва ҳуввияти динӣ, мазҳабӣ, қавмӣ, нажодӣ, забонӣ ва минтақавии дигарон таҳқирро раво набинад;

- ҳадаф ва сиёсати ҲНИТ-ро таблиғ намояд;

- Бар хилофи аҳдоф, сиёсатҳо ва барномаи ҳизб амал накунад;

- Дар расонаҳо, шабакаҳои иҷтимоъӣ ва махфилҳо амалҳои мухолиф ба фарҳанги умумибашарӣ, исломӣ ва сиёсӣ содир накунад;

- тибқи меъёри қабулшуда ҳар моҳ ҳаққи узвият пардохт намояд;

- дар чорабиниҳои сиёсӣ, фарҳангӣ, таълимӣ, маъракаҳои кумакҳои якдафъаина ва дигар барномаҳо, ки бо қарори ниҳодҳои марбутаи ҳизб баргузор мешаванд, ширкат кунад;

- Аз мулоқотҳо, мукотабаҳо ва суҳбатҳои худ бо расонаҳо, созмонҳо, ҳизбу ҳаракатҳо, намояндагони кишварҳои хориҷӣ ва мақомоти давлатии Тоҷикистон, инчунин, фаъолони сиёсиву иҷтимоӣ дар мавзуъҳои сиёсӣ ба ниҳодҳои марбутаи ҳизб гузориш пешниҳод кунад.

2.3. Узви ҲНИТ огоҳонида ва ё аз узвият хориҷ карда мешавад, агар:

- хоҳиши баромадан аз ҳизбро бо ариза изҳор кунад;

- узви ҳизби дигар шавад;

- беэҳтиромӣ нисбати арзишҳои дини мубини Ислом ва фарҳанги миллӣ зоҳир намояд;

- коре бар зидди сиёсати муайянкардаи ҲНИТ анҷом диҳад;

- Меъёрҳои низомномаи ҳизбро риоят накунад;

- Масоили дохилии ҳизбро берун аз сохтор ва ниҳодҳои марбутаи ҳизб матраҳ кунад;

- Қарорҳои қабулкардаи Раёсати Олӣ, Раиси Ҳизб, Комиссяи Тафтишот ва тасмимҳои Шӯрои иҷроияро берун аз ҳизб зери суол барад ва алайҳи онҳо суҳбат кунад;

- Аъзоҳақиро насупорад;

- агар маълум шавад, ки бо гурӯҳҳои ифротӣ ва машкук ҳамкорӣ дорад.

2.4. Қарор дар хусуси огоҳонидан ё аз узвияти ҲНИТ хориҷ карданро Шӯрои иҷроия қабул мекунад:

2. 5. Собиқ узви ҳизб метавонад бо бартараф кардани сабабҳои ихроҷи худ, узвияташро дубора барқарор намояд:

## 3. Раёсати Олии ҲНИТ

3.1. Раёсати Олӣ мақоми олии роҳбарикунандаи Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон мебошад;

3. 2. Тибқи қарори истисноии РО пас аз мамнуъ эълон шудани ҲНИТ дар соли 2015, тамоми ваколатҳо ва вазифаҳои Анҷумани ҲНИТ ба салоҳияти РО гузаронида шуд;

3. 3. Вазифаҳои Раёсати Олии ҲНИТ

- раиси ҳизбро пешниҳод ва интихоб менамояд;

- ҳайат ва раиси комиссияи тафтишотиро пешниҳод ва интихоб мекунад;

- хатти машӣ ва фаъолияти рузмарраи ҳизбро муайян мекунад;

- низомнома ва барномаи ҳизбро қабул ва тағйиру иловаҳо ворид менамояд;

- Рамз, парчам ва варақаи расмии ҳизбро тасдиқ мекунад;

- пешниҳод дар хусуси истеъфои раис, раиси комиссияи тафтишотӣ, ҳайати он, қабул ва берун кардани аъзои раёсати олиро баррасӣ ва тасдиқ менамояд;

- Ҷаласаи Раёсати Олӣ ҳар 6 моҳ баъд ба таври расмӣ баргузор мешавад ва дар сурати зарурат, бо дархости раиси ҳизб даъват мешавад;

- Қарор дар бораи хузурӣ ё онлайнӣ баргузор гаштани ҳар як ҷаласаи Раесати Олӣ бо раъйи аксарияти аъзои Раёсат қабул мегардад;

- Назар ва пешниҳоди аъзоёни бо сабабҳои узрнок ҳузур надошта аз тариқи котибот ба ҷаласаи РО расонида мешавад:

- Натиҷа ва қарорҳои қабулгашта дар ҷаласаҳои ҳузурӣ ба таври иҷмолӣ ба аъзоёни бо сабабҳои узрнок ҳузурнадоштаи Раёсати Олӣ расонида мешавад.

- Ҷаласаи Раёсати Олии ҳизб дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи аъзои раёсат баргузор мегардад ва бо тарафдории аксарияти аъзои иштирокунанда қарор қабул мекунад.

- Аъзои Раёсати Олӣ дар сурати ду маротиба бидуни узр пайи ҳам ширкат накардан дар ҷаласаҳои Раёсати Олӣ огоҳонида мешавад ва дар сурати такрор шудан метавонад аз узвият хориҷ гардад;

- Аъзои Раёсати Олӣ вазифадор аст аз қарорҳои қабулкардаи Раёсати Олӣ, низомнома ва барномаи ҳизб дар дохил ва хориҷи ҳизб пуштибонӣ кунад.

3.4. Раёсати Олии  Ҳизби Наҳзати Исломии Тоҷикистон ваколат дорад:

- сохторҳои ҳизбӣ ва ниҳодҳои заруриро таъсис ва барҳам диҳад;

- арзу шикоятҳои аъзо, зинаҳои поёнии ҳизбро қабул намуда, барои баррасӣ ба комиссияи тафтишот бифиристад ё комиссияи махсус таъсис диҳад;

- дар таъсис ва ташкили кори намояндагиҳои ҳизб дар кишварҳои мизбон ёрӣ расонад;

- Бо пешниҳоди аз се як ҳиссаи аъзои РО истеъфои Раис, муовини раис, ҳайат ва раиси Комиссияи тафтишотро мавриди баррасӣ қарор медиҳад;

- Ҳеҷ кас ҳақ надорад монеъи иштироки аъзои РО дар ҷаласаҳои РО шавад:

- Дар бораи таъсиси эътилоф, пайвастан ба эътилофе ё баромадан аз он тасмим мегирад:

3. 5. Интихоб ва истеъфои аъзои Раёсати Олӣ

- Аъзои Раёсати Олӣ бо пешниҳоди Раиси ҳизб ва ё аз се як ҳиссаи аъзои Раёсати Олӣ бо ҷонибдории аксарияти аъзои Раёсати Олӣ интихоб ё ба истеъфо фиристода мешавад.

**4. Раиси ҲНИТ**

4. 1. Раиси ҲНИТ барои як давраи 4-сола аз миёни аъзои РО интихоб карда мешавад ва салоҳиятҳои зеринро дорад:

4. 2. Салоҳиятҳои Раиси ҲНИТ

- роҳбарии умумии ҳизбро ба ӯҳда дорад;

- ҲНИТ-ро дар дохил ва хориҷи кишвар намояндагӣ мекунад;

- масъулони иҷроияи ҳизб, аз ҷумла сухангӯ, масъули молии ҳизб, роҳбарони департаментҳо ва намояндагиҳоро таъйин ва аз вазифа озод мекунад;

- ҷаласаи Раёсати Олии ҳизбро даъват мекунад ва онро раисӣ мекунад;

- аз фаъолиятҳои ҳизб дар Раёсати Олии ҲНИТ солона ҳисобот медиҳад

**5. Муовинони раиси ҲНИТ**

5. 1. Муовинҳои раиси ҳизб бо пешниҳоди раиси ҳизб аз тарафи аъзои Раёсати Олӣ интихоб мешаванд.

5. 2. Шумораи муовинҳо ба пешниҳоди раиси ҳизб ва ризояти Раёсати Олӣ муъаян мешавад.

5. 3. Салоҳияти муовинҳои раиси ҲНИТ

- Салоҳият ва масъулиятҳоро байни муовинҳо раиси ҳизб тақсим мекунад.
- Дар сурати ғайри қобили амал шудани раиси ҳизб, вазифаи ӯро бо қарори Раёсати Олӣ муовини аввали раис ё яке аз муовинҳо ба уҳда мегирад.

**6. Комиссия тафтишотии ҲНИТ**

6. 1. комиссияи тафтишотии ҳизб дар ҳайати се нафар дар ҷаласаи Раёсати Олӣ интихоб карда мешавад;

6. 2. Салоҳиятҳои Комиссия тафтишотии ҲНИТ

- Раиси комиссияи тафтишот аз миёни аъзои РО бо пешниҳоди Раиси хизб интихоб карда мешавад:
- фаъолияти ҳамаи зинаҳо, раиси ҳизб, муовинҳо, аъзои Раёсати Олӣ, намояндагиҳо ва департаментҳои ҳизбро тафтиш мекунад;
- Арзу шикоятҳои аъзои ҲНИТ, масъулин ва ниҳодҳои ҳизбро дарёфт ва баррасӣ мекунад;

- Натиҷаи баррасиро ба тарафи муроҷиаткунанда ва мақомоти марбутаи ҳизб барои маълумот ва тасмим пешниҳод мекунад.

- Метавонад вокуниш ва танбехи эхтимолиро ба роҳбарият ё ниҳоди марбут пешниҳод кунад;

- дар ҷаласаи солонаи гузоришии Раёсати Олии ҲНИТ ҳисобот медиҳад:

6. 3. Ҳеҷ ниҳоди иҷроии ҳизб, аз ҷумла Раиси Ҳизб ва муовинҳо ҳаки дахолат дар умури Комиссияи тафтишотро надоранд;

**7. Шӯрои иҷроия**

**7.1.** Шурои иҷроия ниҳоди иҷроияи ҳизб буда, аъзои он аз тарафи Раиси ҳизб бо мувофақати Раёсати Олӣ таъйин мешаванд.

7. 2. Шӯрои иҷроия аз тарафи Раиси хизб мустақиман ё тавассути яке аз муовинҳо мудирият мешавад ва ба раиси ҳизб гузоришдиҳанда мебошад.

7.3. Салоҳиятҳои Шӯрои иҷроия:

- қарорҳои Раёсати Олӣ, дастуроти Раиси ҳизб, талаботи Низомнома ва барномаи ҳизбро амалӣ мекунад.

- тасмимҳои лозимаро барои иҷрои қарорҳои Раёсати Олӣ, дастуроти раиси ҳизб ва талаботи Низомнома ва Барномаи ҳизб қабул ва тавассути департаментҳо, намояндагиҳо ва масъулини иҷроия амалӣ мекунад.

- Вазифаҳо, салоҳиятҳо, дастуруламалҳои корӣ ва низомномаҳои ниҳодҳои иҷроии ҳизб, аз ҷумла сухангӯ,масъули молӣ, департаментҳо ва намояндагиҳоро муаян ва тасдиқ мекунад.

**8. Маркази таҳқиқотии ҲНИТ**

8. 1. Маркази таҳқиқотии ҳизб таҳти назари раиси ҳизб мебошад;

8. 2. Салоҳиятҳои Маркази таҳқиқотии ҲНИТ:

- Таҳлили вазъияти дохилии ҳизб, вазъияти кишвар, минтақа ва ҷаҳон ва таъсири он ба фаъолияти ҳизб;
- Гузориши таҳлилии моҳона аз вазъияти кишвар ва минтақа: воқеъият, мушкилот ва роҳҳалҳо;
- Гузориш аз хатарот ва чолишҳои эҳтимолӣ дар мавриди ҳизб;
- Таҳияи барномаҳои стратегӣ
- Баргузории нишастҳои таҳлилӣ, мизи гирдҳо ва ғайра